# ХУЛОСАИ

## комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 - и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих, профессор Н. Раҳимов, доктори илмҳои таърих, профессор М. Маликов ва доктори илмҳои таърих С. Бобомуллоев бо таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович "Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод мекунад.

Рисолаи номзадии Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович "Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)", ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи таъйиншуда нисбат ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мувофиқ аст. Дар рисолаи мазкур масоили раванди ташаккулёбии муассисаҳои тиббӣ ва инкишофи соҳаи мазкур дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои болозикр мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович воқеан ба масъалаи бисёр муҳимми таърихи халқи тоҷик бахшида шуда, дар кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки илми таърих натанҳо сиёсати давлатҳо, балки инкишофи соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаро, ки омилҳои асосии пешрафти ин ва ё он самти инкишофи давлатро муайян мекунанд, фаро мегирад. Таърихи тиб қисми ҷудонашавандаи таърихи ҷомеа буда, дар худ рушду инкишофи илм,

ихтироъкорӣ, ҳолати саломатии одамон ва сабабҳои афзоиш ва пастшавии аҳолиро таҷассум мекунад. Мавзӯи таърихи соҳаи тиб дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон қисми муҳимми таърихи тибби Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад ва аз ин лиҳоз таҳқиқи ин мавзӯъ барои пешрафти илми таърих мусоидат мекунад, зеро дар асоси тадқиқоти мазкур саҳифаҳои нави корномаҳои табибони Тоҷикистон рӯйи кор оварда шуданд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки вай дар давоми тадқиқот аз сарчашмаҳои илмӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ҳисоботҳои ташкилотҳои давлатӣ ва дигар маводҳои муътамад истифода карда, саҳифаҳои номаълуми корнамоиҳои кормандони соҳаи тибби собиқ вилояти Кулобро мавриди таҳлил қарор додааст. Дар рафти таълифи рисола тадқиқотҳои саҳроӣ гузаронида шуданд, ки дар натиҷаи онҳо санаду рақамҳои қаблан номаълум дарёфт гардида, дар рисола дарҷ карда шуданд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади рисолаи мазкур аз таҳлили инкишофи соҳаи тиб дар минтақаи собиқ вилояти Кӯлоб дар солҳои 1924-1991 иборат мебошад.

**Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, диссертант дар назди худ вазифаҳои зерин мегузорад:**

- таҳлили таърихии вазъияти санитарии минтақаи Кӯлоб ва ҳолатҳои фоҷиабор аз таъсири бемориҳои сироятӣ дар давраи то соли 1920;

- тадқиқоти пурраи давраи аввали таъсисёбии тибби замонавӣ дар минтақаи Кӯлоб ва нишон додани афзалияти он нисбат ба тибби анъанавӣ;

- инъикоси корнамоиҳои кормандони тибби шӯравӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ақибгоҳ ва саҳми онҳо дар мубориза бар зидди бемориҳои сирояткунанда;

- мавриди таҳқиқ қарор додани саҳми кормандони тиб дар маҳвкунии бемориҳои сирояткунанда ва амалӣ кардани барномаҳои зидди бемориҳои сирояткунанда дар минтақаи Кӯлоб;

- баррасии сиёсати давлатии Шӯравӣ дар роҳи таъмини минтақаи Кӯлоб бо кадрҳои баландихтисоси соҳаи тиб ва ташаккулёбии соҳаи тандурустии минтақаи мазкур аз ҳисоби мутахассисони маҳаллӣ;

-таҳлили пурраи афзоиши фавти кӯдакон дар ҳамаи давраҳо ва муайян кардани сабабҳои он. Ҷалб кардани диққати кормандони соҳа ба проблемаи ҳифзи саломатии модар ва кӯдак, ки сababи асосии афзоиши фавти кӯдакон гардидааст;

- бештар такя намудан ба маводҳои бойгониҳои Ҷумҳурӣ ва тавассути он таҳлил намудани давраҳои инкишофи соҳаи мазкур, ки меҳвари асосии таҳқиқоти мавриди назарро ташкил медиҳад;

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки оид ба таърих ва ташаккули муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб таҳқиқоти маҷмӯӣ маҳсуб меёбад. Дар таҳқиқоти мавриди назар бори аввал таърихи тибби минтақаи Кӯлоб ҳамчун яке аз муҳимтарин соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтсодӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар рафти тадқиқот душвориҳо ва комёбиҳои соҳаи тиб дар ҳар давру замон омухта шуда, аҳаммияти онҳо барои ҷомеа аз нуқтаи назари қиёскунӣ, сиёсӣ ва таърихӣ баҳогузорӣ гардид. Дар тадқиқот бори аввал дар мисоли минтақаи Кӯлоб санадҳои фавти одамон аз сабаби бемориҳои сирояткунанда рӯйи кор оварда шуда, марҳилаҳои таърихии муборизаи табибон бо ин бемориҳо таҳқиқ гардидааст. Дар рафти тадқиқот санаду рақамҳои нав аз бойгонии собиқ вилояти Кӯлоб, хотираҳои ветеранҳои соҳаи тиб, маълумотҳои оморӣ ва дигар сарчашмаҳо истифода гардидаанд, ки барои илми таърих ва бахусус таърихи тиб ҳамчун навгонӣ маҳсуб меёбанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалиявии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои ба даст омада метавонанд дар корҳои илмӣ – таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси таърихи сиёсии кишвар дар даврони истиқлолият кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ роҷеъ ба таърихи ташаккулёбии муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб дар даврони Шӯравӣ, инчунин зимни хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои “Таърихи халқи тоҷик”, “Таърихи сиёсии Тоҷикистон”, васеъ истифода кард. Аҳаммияти дигари назариявии тадқиқоти мазкур дар он аст, ки дар рафти он маълумотҳои таърихӣ доир ба тибби Тоҷикистон, ки то ба ин дам таҳқиқ нашуданд, ҷамъоварӣ гардида, дар шакли рисолаи мукаммали илмӣ ба тасвиб расонида шуданд ва тамоми ҷанбаҳои ин мавзӯъ дар асоси санаду далелҳои исботшуда муайян гардиданд. Инчунин рисолаи мазкур барои тадқиқотҳои минбаъда дар самти таърихи соҳаи тиб аҳамияти методологӣ дорад, зеро дар он роҳ ва усулҳои таҳқиқ ва таҳлил пурра инъикоси худро пайдо намуданд. Аҳамияти амалии диссертатсия инчунин аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ –тадқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

Мазмуни асосии рисола дар мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ шомилбуда ба табъ расидаанд, таҷассум ёфтааст.

Рисолаи номзадии Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович “Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)” аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мутобиқ ба ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ тавсия карда мешавад.

**Вобаста ба масъалаҳои зикршуда комиссия ба чунин қарор омад:**

1.Рисолаи номзадии унвончӯ Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович “Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ тавсия дода шавад.

2.Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод шаванд:

А) **Ҳомидзода Фурқат Муқим** – доктори илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

Б) **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна –** номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

3. **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

**4.** Ба нашри автореферати диссертатсия ба микдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

**5.**Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Раҳимов Н. Т.**

**Аъзои комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** **Маликов М. Ҳ.**

**доктори илмҳои таърих** **Бобомуллоев С. Ғ.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи**
**А. Дониши АМИТ** **Файзуллоева Г.**

10.06.2022